# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №18**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 14.05.2021 с., тахти №44**

Дар бораи ба Қобилов Муҳаббатшо Замирович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – Муносибатҳои байналмилалӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 25-уми декабри соли 2020 (Суратмаҷлиси №36) барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2020 с., №63).

Унвонҷӯ, Қобилов Муҳаббатшо Замирович, санаи таваллудаш 18.11.1985, соли 2008 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро бо ихтисоси «ҳуқуқшинос-маъмур дар соҳаи маориф» хатм намудааст. Соли 2013 зинаи магистриро дар Донишгоҳи федералии Урал, шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия хатм намудааст. Аз моҳи ноябри соли 2015 ба докторантура ба ҳайси доктори фалсафаи (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – Муносибатҳои байналмилалӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Диссертатсия дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ.

**Муқарризони расмӣ**: **Искандаров Акбаршо Искандарович** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.

Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; **Бобозода Фаридун Толибҷон** – номзади илмҳои таърих, дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих, дотсент С.П. Сайнаков имзо ва аз ҷониби ректори ДДОТ, доктори илмҳои таърих, профессор Н.У. Ғаффорӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 6D020200 – Муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – Муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар атрофи масъалаҳои тамаддун, фарҳанг, таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамз ва арзишоти фарҳангию сиёсии кишварҳои муосир, аз ҷумла ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои мазкур алоқамандии зич доранд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва нашрияҳои дигар дар ҳаҷми 6 ҷ.ч. нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:

[1-М.] Кобилов М.З. Мультикультурализм и его перспективы в

современном глобальном мире [Текст] / М.З. Кобилов //Вестник Таджикского национального университета. - 2016.- № 3-6 (211). - С. 94-98.

[2-М.] Кобилов М.З. Диалог культур и цивилизаций: проблемы и пути формирования толерантности в обществе [Текст] / М.З. Кобилов, К. Бобоев //Известия Академии наук Республики Таджикистан. - № 4(36). -2017. – С. 84-91.

[3-М.] Кобилов М.З. Формирование среднего класса в Таджикистане под влиянием процессов трудовой миграции [Текст] / М.З. Кобилов, К. Бобоев //Вестник Таджикского национального Университета. – 2017. -№2/6. – С. 304-309.

[4-М.] Қобилов М.З. Зинаҳои сиёсӣ-фарҳангии инкишофи давлатдории миллати тоҷик (аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX то имрӯз) [Матн] / А.Ё. Комилбеков, М.З. Қобилов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. – № 3-1. – С. 261-265.

[5-М.] Кобилов М.З. Межкультурная и межэтническая коммуникация в трансформирующемся обществе Таджикистана [Текст] / М.З. Кобилов //Вестник института языков. - 2019. - №1 (33). – С. 142-148.

[6-М.] Кобилов М.З. Научные основы современной теории цивилизаций. [текст] / М.З. Кобилов //Вестник института языков. - 2020. - №1 (37). – С. 183-194.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[7-М.] Кобилов М.З. Угрозы национальной безопасности: интеграционные процессы [Текст] / М.З. Кобилов //Вестник современной науки. г. Волгоград. - 2016. – № 12-2 (24). – С. 96-99.

[8-М.] Кобилов М.З. Национальное примерение и роль Ирана в его достижении [Текст] / М.З. Кобилов //Вестник института языков. – 2016. – № 2(22). – С. 84-89.

[9-М.] Қобилов М.З. Тамаддуни тоҷикон ва масъалаҳои бехатарии миллӣ [Матн] / М.З. Қобилов //Паёми донишкадаи забонҳо. – 2017. – №1(25). – С. 86-92.

[10-М.] Қобилов М.З. Баъзе ҷиҳатҳои рафтори ғарбӣ ва шарқии одамон дар робитаҳои байнифарҳангӣ [Матн] / М.З. Қобилов //Маҷалаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –

№4(14). – 2017. – С. 41-48.

[11-М.] Кобилов М.З. Влияние эпохи Советского Союза на развитие государства таджиков [Текст] / С.Ш. Раҷабалиева, М.З. Кобилов //Вестник института языков. – № 4(28). – 2017. – С. 73-80.

[12-М.] Қобилов М.З. Зинаҳои сиёсӣ–фарҳангии инкишофи давлатдории миллати тоҷик (аз замони барқароршавии Иттиҳоди шуравӣ то имруз) [Матн] / М.З. Қобилов //Маҷалаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -№1(15). – 2018. –С. 45-51.

[13-М.] Кобилов М.З. Проблемы национальной безопасности в постсоветских республиках на примере Таджикистана [Текст] / Д.Ҳ. Маҷидов, М.З. Кобилов //Илм ва амнияти миллӣ (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). - Хуҷанд, 2017. - С. 205-210.

[14-М.] Кобилов М.З. Политическая ориентация народа в условиях политической трансформации (на примере общества Таджикистана) [Текст] / А.Ё. Комилбеков, М.З. Кобилов //Вестник науки. – 2019. – Т. 2. № 1 (10). – С. 16-23.

Ба автореферати диссертатсия чунин тақризҳо ворид шудаанд:

**Дороншоева Н.Ш.** – номзади илмҳои сиёсӣ, ходими илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Эрод нисбати камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд дорад. Тақриз дар маҷмӯъ мусбат аст.

**Ашӯров З.А.** – доктори фалсафа оид ба улуми иқтисодӣ (PhD), ҷонишини директори Маркази тадқиқоти масоили хусусигардонӣ (приватизатсия), рушди рақобат ва идоранамоии корпоративӣ (Ӯзбекистон). Дар баробари дарҷи дастовардҳои муаллиф дар тақриз якчанд ҷиҳатҳои баҳснок низ қайд гардидаанд.

**Сарфароз Ниёзов** - доктори фалсафа (PhD), профессори кафедраи муқоисавии таълими байналхалқии Донишгоҳи Торонтои Канада. Дар баробари муваффақиятҳо як қатор камбудиҳо низ баён шудаанд, ки назардошти онҳо дар такмили рисола мусоидат карда метавонанд.

Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ

анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:

– асосҳои илмӣ-назариявии таҳқиқи масъалаи тамаддун ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихию фарҳангӣ, мафҳум, шаклҳо, сохтор ва паҳншавии тамаддун ва инчунин назарияи рамзи фарҳангӣ дар илми муосир муайян гардидааст;

– хусусиятҳои андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ нисбат ба мазмун ва моҳияти тамаддун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

– ташаккули тамаддуни Ғарб ва таъсири он ба фазои фарҳангии тамаддунҳои дигар мушаххас гардонида шудааст;

– хусусиятҳои фарққунандаи ташаккули тамаддуни Ғарб аз тамаддунҳои дигар бо дарҷи ҷанбаҳои асосии рушди он муайян карда шудааст;

- таъсири фарҳанги даврони шӯравӣ ба рамзи тамаддунии Тоҷикистон нишон дода шудааст;

- зуҳур ва таъсири тамаддуни Ғарб ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон аз лиҳози илмӣ асоснок гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** маҷмӯи усулҳои умумиилмии маърифат, назария ва таърих, мутобиқати усулҳои таърихнигорӣ, объективият, системанокӣ ва комплексӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳлили падидаҳо, равандҳо ва амалҳои гуногун муаллиф аз назариёти форматсионӣ, тамаддунӣ, таърихӣ ва таҳлилӣ-муқоисавӣ истифода бурдааст. Дар масоили методологияи таҳқиқоти таърихӣ муҳаққиқ аз консепсияҳо, равишҳо, муҳокимарониҳои муҳаққиқони пешбари ватанӣ ва хориҷӣ пайравӣ мекунад, ки дар рафти он ба рушди устувори ҷаҳонӣ ва ҳалли мушкилоти таҳсилот, омодагии касбӣ ва инкишофи иқтидори инсонӣ ишора доранд.

Асосҳои методологии диссертатсияи мазкурро, пеш аз ҳама, назарияи тамаддунҳо ташкил медиҳад, ки намояндагони он муҳаққиқони зерин маҳсуб меёбанд: Ф. Гизо, Л. Морган, Н. Я. Данилевский, О. Шпенглер, А. Тойнби. Л. Н. Гумилев ва диг. Дар баробари назарияи тамаддунҳо, инчунин назарияи демократизм, назарияи сиёсати ҷаҳонӣ, назарияи ҷаҳонишавӣ ва ғайра ҳамчун асосҳои методологии фаъолияти тадқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти амалии** натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ бо он тасдиқ мегардад,

ки дар таҳқиқоти мазкур натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот дар раванди ташаккули рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон дар шароити муосир, коркарди воситаҳои нави сиёсӣ баҳри ҳалли масъалаҳои тамаддунию фарҳангӣ, истифодаи самараноки онҳо бо назардошти хусусиятҳои замон ва ҳалли мушкилоти пайдошавандаи раванди глобализатсионӣ метавонанд ба таври васеъ истифода шавад. Ҳамзамон дар замоне ки рамзи фарҳангӣ-сиёсии кишвар унсури таркибии тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад, омӯзиши таҷрибаи амалии тамаддунҳои муосири ҷаҳон баҳри татбиқи механизмҳои муосиру самараноки муносибатҳои тамаддунию фарҳангии ҷаҳони имрӯза мусоидат карда метавонад.

**Натиҷаҳои кори илмии** мазкурро барои хондани маърӯзаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантон ва аспирантон аз рӯйи ихтисосҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, фалсафаи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои илм метавон истифода бурд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ва хулосаҳои ҳосилшуда бо дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани фаъолияти тадқиқотии объективӣ асоснок карда шудааст. Дар асоси таҳқиқоти илмӣ-таҳлилӣ натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин хулосаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми унвонҷӯ** дар таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи диссертатсионӣ, ки маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад, ифода меёбад. Саҳми шахсии унвонҷӯ, инчунин, дар пешниҳоди роҳҳои танзими масъалаҳои фарҳангию тамаддунӣ дар ҷаҳони муосир ва мушаххас гардонидани рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон дар замони кунунӣ ифода меёбад. Зимни таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ унвонҷӯ ҷиҳати собит гардонидани унсурҳои фарҳангӣ ва арзишоти миллии мардуми тоҷик дар шароити ихтилофоти фарҳангию тамаддунии муосир пешниҳоду тавсияҳоро пешкаш намудааст.

Дар ҷаласаи 14-уми майи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Қобилов Муҳаббатшо Замирович барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020200 - Муносибатҳои байналмилалӣ

қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 8 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 13 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ 0 нафар, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ҷононов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Раҷабов И.Ш.**

Имзои / подпись Ҷононов С., Раҷабов И.Ш.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

17.05.021